ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.02.2026, №8

Барои сазовор донистани Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон дар мавзуи «Масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) бо протоколи №22, аз 15-уми декабри соли 2025 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2025, таҳти №206/шд) ба ҳимоя қабул гардидааст.

Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон 15-уми декабри соли 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Муҳаммадзода М.М. соли 2002 бо ихтисоси «Забон ва адабиёти тоҷик»-и факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дохил шуда, онро соли 2006 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 27.02.2014, протоколи №8 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи адабиёти классикии факултети филологияи тоҷик қабул шудааст ва дар ин давра, ӯ диссертатсияи илмияшро омода намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Тоҷибоев Шарифҷон Ғайбуллоевич.

Муқарризони расмӣ:

– Асозода Ҳотам Раҷаб – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори генералии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб»;

– Боев Шавкат Элмуродович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Муассисаи пешбар: Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи таърихи адабиёт Юсуфов Умриддин Абдукофиевич, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии шуъбаи таърихи адабиёт Давлатова Холида Муллошоевна, котиби илмии ҷаласа – ходими илмии шуъбаи таърихи адабиёт Шарипова Шоҳзода Абдухолиқовна пешниҳод шудааст ва бо имзою муҳри директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Фарангис Худоӣ тасдиқ шудааст, қайд мешавад, ки диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон, ки ба мавзуи «Масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ» бахшида шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумор 6-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.) Вижагиҳои сохторӣ ва мундариҷавии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / М.М. Ашӯрова (М.М. Муҳаммадзода) // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2016. – №3 (48). – С.135-138.

[2-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.) Баъзе қайдҳо дар бораи номи аслӣ, тахаллус ва алқоби Хоҷуи Кирмонӣ / М.М. Ашӯрова (М.М. Муҳаммадзода) // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2019. – №4 (61). – С.97-103.

[3-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.) Чанд мулоҳиза оид ба сарчашмаи достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / М.М.

Ашӯрова (М.М. Муҳаммадзода) // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2020. – №1 (82). – С.79-85.

[4-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.), Тоҷибоев, Ш.Ғ. Нусхашиносии «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / Ш.Ғ. Тоҷибоев, М.М. Ашӯрова (М.М. Муҳаммадзода) // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2021. – №1 (86). – С.42-52.

[5-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.) Такрор ва анвои он дар достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / М.М. Ашӯрова (М.М. Муҳаммадзода) // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. – №1 (70). – С.120-124.

[6-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.) Таъсири «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ бар «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / М.М. Ашӯрова (М.М. Муҳаммадзода) // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2024. – №1 (78). – С.237-244.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва маҷаллаҳои дигари илмӣ:

[7-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.) Таҷнис ва анвои он дар «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / М.М. Ашӯрова (М.М. Муҳаммадзода) // Сӣ соли пуршараф. Маҷмуаи мақолаҳо оид ба масъалаҳои рушди сиёсат, иҷтимоиёт, иқтисод, фарҳанг ва илму маориф бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. – С. 291-299.

[8-М]. Ашурова, М.М. (Мухаммадзода, М.М.) Влияние Фирдоуси на «Хумай и Хумаюн» Ходжу Кирмани / М.М. Ашурова (М.М. Мухаммадзода) // Цифровизация общества: трансформация повседневных практик и исследовательских перспектив. Сборник научных трудов по материалам международной научно-практической конференции (г. Белгород, 2024. – 30 сентября). – Белгород, 2024. – С. 5-10.

[9-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.), Тоҷибоев, Ш.Ғ. Истилоҳоти нуҷум дар «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / М.М. Ашӯрова, Ш.Ғ. Тоҷибоев (М.М. Муҳаммадзода) // Созидательный импульс развития современной науки. Сборник статей III международной научно-практической конференции (г. Петрозаводск, 2024. – 14 октября). – Петрозаводск, 2024. – С. 128-132.

[10-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.). Нигоҳе ба муҳтавои достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / М.М. Ашӯрова (М.М. Муҳаммадзода) // Ҷустуҷӯҳои илмӣ (Маводди конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, ба ифтихори 80-солагии профессор С.Саидов). – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025. – С.177-185.

[11-М]. Ашӯрова, М.М. (Муҳаммадзода, М.М.). Вижагиҳои забонӣ ва сабкии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ / М.М. Ашӯрова, (М.М. Муҳаммадзода) // Боқӣ Рақимзода ва муҳити адабии садаи XX (Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Боқӣ

Раҳимзода ва муҳити адабии садаи XX». – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025. – С.232-242.

Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи Икромов Искандар – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мусбат буда, диссертатсияи Муҳаммадзода Маърифатро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур намудааст:

– ба ҷои истилоҳи «достон» ба кор рафтани истилоҳи «маснавӣ» (саҳ. 24);

– нодуруст навиштани вожаи «таъйин» дар шакли «тайъин» (саҳ. 25);

– бе маврид ба кор бурдани қавси мураббаъ дар нишон додани аломатгузории тақтеъ (саҳ. 27).

2. Тақризи Мирзозода Муҳаммадшоҳ Мирзошо – доктори илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд низ мусбат буда, таҳқиқоти диссерататсионии диссертантро аз нигоҳи илмӣ пуразриш муаррифӣ намудааст ва нуктаҳои зеринро барои беҳтар шудани сифати рисола пешниҳод кардааст:

– дар таҳқиқот ихтиёроти шоирӣ низ дар фаслҳои алоҳида матраҳ мешуд, беҳтар мебуд;

– барои нишон додани нусхаҳои хаттии достони мавриди таҳқиқ ҷадвале таҳия мегардид, хуб мешуд;

– ғалатҳои имлоӣ дар баъзе саҳифаҳо дида мешавад (саҳ. 9, 13, 19, 27).

3. Тақризи Ҳикматов Ҷумабой Ҳакимович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ низ мусбат буда, рисолаи диссертант Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷонро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро пешниҳод кардааст:

– агар достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷу дар қиёс бо достонҳои дигари шоир баррасӣ мешуд, арзиши пажуҳиш боз ҳам беҳтар мегардид;

– нагузоштани сархат дар муқаддимаи автореферат (саҳ.5);

– нодуруст гузоштани аломати вергул (саҳ.11).

4. Тақризи Забирова Меҳринисо Элбеговна – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур низ мусбат буда, рисолаи диссертант Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷонро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эродҳои зеринро пешниҳод намудааст:

– ба ҷойи таркиби «ва дигарон» истифодаи таркиби «ва ғайра» (саҳ. 4);

– дар ду шакл навиштани истилоҳи «форсу тоҷик» (саҳ. 7, 28), «форс-тоҷик» (саҳ. 3);

– бемаврид ба кор рафтани аломати нимтире «-» ба ҷойи тире «–» (саҳ.18).

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– таҳқиқи унвонҷӯ Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон бо нигоҳи тоза ба аҳволу рӯзгори Хоҷуи Кирмонӣ, номи аслӣ, лақабу унвонҳои фахрӣ ва тахаллуси адабии ӯ машғул шуда, бар асоси сарчашмаҳои адабиву таърихӣ нуфузи манзалати фардиву ҳунарии ӯро **мушаххас намудааст.**

– диссертант мероси адабӣ ва таълифоти муҳимтарини Хоҷуи Кирмонӣ ва ҷойгоҳи ӯро дар таърихи адабиёти форсу тоҷикро **мавриди таҳлил қарор додааст.**

– теъдоди нусхаҳои қаламии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и мавҷуд дар китобхонаҳои машҳури олам дар пояи феҳристҳо ва қиёси маълумоти феҳристнигорон аз ҷониби Муҳаммадзода Маърифат **таъйид шудааст.**

– диссертант ба нақду баррасии нусхаҳои чопшудаи «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ иқдом шуда, ҷойгоҳи онҳоро дар таърихи адабиёт ва матшиносии форсу тоҷик **равшан сохтааст.**

– Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон барои муайян намудани сарчашма ва маншаи достони «Ҳумой ва Ҳумоюн» талош варзида, собиқаи зуҳури асомии қаҳрамони асосии достонро дар адабу фарҳанги форсу тоҷик **муаррифӣ намудааст.**

– диссертант бо таҳқиқ вижагиҳои сохтории асар ва таъсирпазириву баҳрабардорӣ ва суннатшиканиву навовариҳои шоирро дар таълифи достон **арзёбӣ ва равшан сохтааст.**

– довталаби дараҷаи илмӣ Муҳаммадзода М.М. бо пажуҳишу таҳлили мавзуъ ва муҳтавои достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-ро ва таҳлил намуда, вижагиҳои мавзуиву ғоявии асарро дар адабиётшиносӣ **равшан таҳқиқ кардааст.**

– аз ҷониби диссертант таъсирпазирии Хоҷуи Кирмонӣ аз маснависароёни пеш аз худ муайян гардида, умумият ва фардияти достоннависии шоир ба ин восита **асоснок гардидааст.**

– унвонҷӯ Муҳаммадзода М.М. саҳми Хоҷуи Кирмониро дар инкишофи достонҳои ишқӣ-романтикӣ **муҳим медонад.**

– таъйини вижагиҳои сабкӣ, шеваи баён ва корбурди саноеи бадеӣ дар достонро довталаби дарҷаи илмӣ дар асоси методҳои маъмули адабиётшиносӣ таҳқиқ, **баррасӣ ва равшан намудааст.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзуъ асосҳои назарии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба дастовардҳои илмии олимони шарқшинос ва адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, ба монанди Ч.П. Рё, П. Ҳаммер, Б.А. Дорн, Ҳ. Эте, Ф.И. Эрдман, Ш. Шефер, И. Питси, Э. Браун, А. Кримский, Я. Рипка, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, Е.М. Мелетинский, С. Нафисӣ, В. Дастгирдӣ, З. Сафо, С. Хонсорӣ, А. Родфар, С.Н. Кирмонӣ, Ҳ. Масрур, Н. Аҳмад, Т. Биниш, М. Мудаббирӣ, Ғ. Алиев, Ф. Копрулу, М. Кязимов, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, К. Айнӣ, Х. Мирзозода, А. Афсаҳзод, Х.

Шарифов, Н. Сайфиев, А. Насриддинов, Н. Салимӣ, Н. Абдолов ва дигарон бунёд ёфтааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки масъалаҳои асосии матншиносиву поэтика, аз қабили нусхаҳои қаламии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн», нусхаҳои тасҳеҳу чопшудаи достон, сабабу ҳадафи таълифи асар, сарчашма ва маншаи достон, мухтассоти жанриву ғоявӣ, таъсирпазирии адабӣ, хусусиятҳои сабкӣ ва поэтикии достони мазкур дар маърази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст, ки аҳаммияти назарии онро таъмин намудаанд. Ҳамзамон, арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки маводди диссертатсия ва хулосаҳои муаллиф метавонанд, дар таҳияи китобҳои дарсӣ барои макотиби олӣ, хондани курсҳои махсус аз таърихи адабиёти форс-тоҷик, сабкшиносӣ ва назарияи адабиёт, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаи хатм муфид **арзёбӣ мешавад**.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки асоси сарчашмаҳои саҳеҳи илмию адабӣ, бо такя ба методҳо ва принсипҳои муфиди пажуҳишӣ, бо низому тартиби муайяншуда пай дар пай таълиф ёфтааст. Ҳамаи масъалаҳо бо далелҳои амиқ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифта, натиҷагирӣ шудаанд. Хулосаҳо ва дастовардҳои диссертант дар шакли гузоришу маъруза, мақолаҳои илмӣ дар маҳфилу конференсияҳои сатҳи гуногун ироа гаштааст, ки ҳамагӣ ба таҳкими эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот **равона шудаанд.**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки довталаби дараҷаи илмӣ бори нахуст ба пажуҳишу баррасии масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии достони «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷуи Кирмонӣ машғул гардида, доир ба ин мавзуъ мақолаҳои илмӣ нашр кардааст. Муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, ки доир ба ваҷҳи интихоби тахаллуси Хоҷу, нусхаҳои дастнавису чопшудаи «Ҳумой ва Ҳумоюн», сарчашмаҳои асари мавриди таҳқиқ ва поэтикаи достони мазкурро бо андешаҳои илмии мудаллал иброз намояд. Бинобар ин, кулли натиҷаҳои дар диссертатсия ҳосилшуда маҳсули пажуҳиши шахсии муаллиф буда, мақолаҳои чопнамудаи ӯ мазмуни диссертатсия ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшавандаро фаро гирифта, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ М.М. Муҳаммадзодаро дар таҳқиқ **равшан намудааст.**

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-099-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 25-уми феврали соли 2026 дар бораи сазовор донистани Муҳаммадзода Маърифат Муҳаммадҷон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм – мутахассисон аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) 5 – нафар ва аз рӯйи

ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) 6 – нафар.

Аз 11 нафар аъзои иштирокдошта дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Шамсидин Аслидинович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

25.02.2026